Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Барои ҳаматарафа омода намудани омӯзгорони оянда дар руҳияи ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ нақши бориз дорад ва фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” истисно нест. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун дигар фанҳои таълимӣ фанне маҳсуб меёбад, ки тарзи ҳаёти солимро тарғибу ташвиқ намуда, воситаи беҳтарини ба роҳ мондани дӯстӣ миёни ҷавонон ва варзишгарони на танҳо як кишвар, балки яке аз василаи мустаҳкамгардонии дӯстию рафоқат ва ҳамдилию якдигарфаҳмии кишварҳои кулли ҷаҳони муосир аст. Ҳамчунин, варзиш омили муҳимми шинохти ҷаҳон ва олами инсоният буда, муаррифгар ва бо ҳам қарингардони халқу миллатҳои мухталифи сайёра мебошад.

Ҷомеаи соҳибистиқлоли мо дар назди омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони ТҶ-и МТМУ бо қатъият вазифаи дар руҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагонро гузоштааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмии мо таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ;

- механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон дар МТМУ;

- афкори муайяни педагогии олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон;

- нақши омӯзгорони ТҶ дар ташаккули ТҲВ-и хонандагони МТМУ.

- роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир.

Дар раванди ташкилу ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷамъбасти рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ таҳти унвони "Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" механизми муайяни ҳалли мушкилоти мазкур кор карда бароварда шуд. Маълум гардид, ки барои он ки раванди фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаҳои хуб ба бор орад, лозим меояд, ки тарзи истифодабарии технологияҳои муосири педагогӣ омӯхта шуда, моҳияти онҳо шарҳ ёфта, стратегияҳои касбии ба фард нигаронидашуда, эҷод карда шаванд. Ҳадаф ва вазифаҳои дақиқан гузоштташуда барои ҳар муҳит аз нав бо технологияи муносиб ҳаллу фасл карда шаванд.

Дар автореферати рисолаи илмӣ гарчанде, ки нақши волидайн зикр шудааст, вале тарзи мушаххаси ҷалби онҳо дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Инчунин, нақши дигар аъзои ҷомеа: пиронсолон, собиқадорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ) дар ин раванд ба эътибор гирифта нашудааст.

Қобили қайд аст, ки эроди дарҷшуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста карда наметавонад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриздиҳанда,

Мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ — Файзалиев Ҷурахон Ҷумаевич

Сана: 21.02.2025

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33

Имзои Файзалиев Ҷ.Ҷ-ро «тасдиқ мекунам».

______________________

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зоирхонзода Ф.З.